*А. Шехов*

## РАВОБИТИ АДАБӢ ВА ЗУҲУРИ ОН ДАР МАҶАЛЛАИ «ОЙИНА»

***Вожаҳои калидӣ:*** *таърихи матбуоти тоҷик, рӯзномаи "Бухорои Шариф", маҷаллаи «Ойина», робитаҳои адабӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ*

Дар оғози садаи бист зуҳури наҳзати маорифпарварӣ ва талоши намояндагони он дар амри таъсиси рӯзнома ва маҷаллаҳо дар рушди публитсистика ва адабиёти маорифпарварӣ нақши барҷаста гузошт. Ин наҳзати ислоҳотхоҳ ва пешрав ҳамчунон дар рушду ташаккули анвои адабӣ ва публитсистикаи тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ин давраи пурталош равшангарони тоҷик бо истифода аз имконият ва шароит ба беҳтарин ганҷинаҳо ва анъаноти тамаддуни башарӣ рӯй оварданд ва бештар майл ба истифодаи дастовардҳои бадеӣ ва фарҳангии мамолики дигар, ки дар вусъати афкору густариши ҷаҳонбинӣ ва диду нигоҳи мардум нақши муассир дорад, намуданд. Халқи тоҷик худ чун як миллати соҳибтамаддуну соҳибфарҳанг дар ҳама давру замон аз дастовардҳои тозаи соири кишварҳои олам бамаврид ва саривақт истифода бурдааст. Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик «ҳеҷ вақт аз таърихи гузаштаи худ ва дастовардҳои бадеию эстетикии халқҳои дигар рӯ натофтааст, балки беҳтаринро аз худ карда омадааст» (9,7).

Аз нигоҳи дигар, бемуболига метавон гуфт, ки адабиёти оламшумули тоҷик бо он ҳама дороӣ ва гановати бекарони хеш ҷаҳониёнро мусаххар намудааст.

Падидаи тозаи адабӣ- маънавии халқи тоҷик дар оғози қарии XX таъсиси матбуоти тоҷик мебошад, ки ҳамчун дастгоҳи нерӯманди иттилотӣ на танҳо барон инъикоси ҳаводиси тоза ва таблиғоти фикрӣ, балки ба инъикоси масоили умдаи адабӣ, ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик, такмили худшиносиву худогоҳии

миллӣ ва амиқрафти шуури иҷтимоии миллати таърихан қадим равона гардид. Ба ибораи дигар матбуот ҳамчун зуҳуроти воқеан нави адабӣ- фарҳангӣ дар ташаккули адабиёт, адабиётшиносӣ, иақди адабӣ ва равобити адабӣ хидмати бузурге анҷом дод ва дар ҷалби равшанфикрон барои ба ҳам овардани ҳавзаҳои адабию фарҳангӣ хидмати босазо анҷом дод.

Бо зуҳури нахустин нашрияҳои тоҷикӣ адибони равшангари тоҷик бештар майл ба он намуданд, ки бо василаи ин падидаи адабӣ ба рушди анвои адабӣ мусоидат намоянд. Ба ин хотир дар сафҳаҳои матбуот аз намунаҳои зиёди анвои адабӣ низ хеле бамаврид истифода намудаанд. Дар сафҳаҳои матбуот дар он замои бештар маводҳои адабие, ки рӯҳияи замона дар онҳо мунъакис буд, нашр гардидаанд. Дар он ҳама матолиби адабӣ бештар тарғиби илму дониш, ислоҳоти кулли ҷомеа, таблиғи мактабҳои усули ҷадидӣ ва масоили умдаи дигари кишвар муҳимтарин нуктаи матраҳшуда буданд.

Матбуоти тоҷик инчунин, иеш аз ҳама, ба вусъати ниёзҳои маънавии халқи тоҷик, огоҳонидани мардум аз дастовардҳои тозаи адабию фарҳангии кишварҳои дигар низ то ҳадди имкон замина гузошт. Аз ин лиҳоз, адибони равшангар аз нашрияҳои маъруфи хориҷӣ, ки бо ҳаргуна роҳҳо ба кишвар ворид мегардиданд, васеъ истифода мебурданд. Ҳамчунин нашрияҳои форсии хорнҷӣ аз матбуоти тоҷик бохабар буда, дар сафҳаҳои худ матолиби муҳимро аз онҳо дарҷ менамуданд, ки он ба рушди равобити адабӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Адибони равшангар баҳри ганои фарҳангӣ ва маънавии мардуми кишвар сайъу талоше намуда, ҳамзамон шароити мусоиде барои равобити адабӣ фароҳам оварданд, ки ин амали эшон дар оғози садаи бист ҳамаҷониба ба манфиати кор буд.

Пайванди адабӣ ҳамчун падидаи адабӣ-фарҳангӣ дар оғози садаи бист бо василаи рӯзномаи «Бухорои шариф», «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» рӯ ба густариш ниҳод. Ҳамчунин равобити адабӣ чунин як шароитеро ба вуҷуд овард, ки аҳли адаб пеш аз ҳама бо дастовардҳои тозаи аҳли адабн мамолики дигар ошноӣ пайдо намоянд. Ошноӣ бо дастовардҳои илму адаби кишварҳои дигар дар оғози садаи бист дар зеҳни эшон андешаи қиёс намуданро парвариш намуд. Ин парвариш нигоҳи мардумро бори дигар ба масоили муҳим ва ҳалталаби ҷомеаи он рӯз ҷалб намуд ва андешаи ислоҳи ҷомеаро дар зеҳну тафаккури аҳли ҷомеа

тақвият бахшид. Аз ҷониби дигар, равобити адабӣ худ чун нишони эҳтиром ва пос доштани адабиёти кишвари дигар, дар тафаккури аҳли адаб ва ҷомеа андешаи эҳтиромӣ суннатҳои адабии он мамоликро бедор намуд. Ва маҳз ин бедорӣ бонс гардид, ки матбуот чун василаи ҷавлонгаҳи афкор ва омиле муассире дар рушди равобити адабӣ эътироф гардад.

Равобити адабӣ дар маҷаллаи «Ойина» аз шумораи нахустин мушоҳида мегардад ва ин амал шаҳодати он аст, ки Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ нақши равобити адабиро дар он замон хуб эҳсос намуда буд. Дар маҷаллаи «Ойина» дар шумораи нахустин нашрони маҷалла матлабero аз нашрияи маъруфи «Чеҳраннамо», ки аз Миср меомад, чоп намудаанд. Бо таввачҷуҳ ба рушди матбуот дар кишвари Ҷопон матлаби ҷолиберо таҳти унвони «Ҷароиди Ҷопун» дарҷ намудаанд, дар ҳошияи унвони навишта мехонем:

«Дар Токио пойтахти Ҷопун 400 рӯзномаи явмӣ чоп мешавад, ки аз панҷоҳ то се ҳазор адад ҳар як ба табъ мерасонанд ва аз инҳо рӯзномаест ки субҳ беранг (сафед) ва зуҳр (қирмизӣ) ва магриб (зард) чоп мешавад, ки мардум аз аломати рангаш медонанд, ки моли чӣ соатест.Дар соли 1330 адади рӯзномаҳои ҳафтагӣ ионздаҳрузагӣ ва моҳиёнаи Ҷопон ба ҳазору ҳафтсаду наваду панҷ расида, ки инҳо ҳам ба ихтилоф аз се то понздаҳ ҳазор нусха ба табъ мерасонанд» (1,32.)

Аҳли эҷоди маҷаллаи «Ойина» дар он даврон бо истифода аз имконият ва шароит ба беҳтарин ганҷинаҳо ва анъаноти тамаддуни башарӣ рӯй оварда, бештар майл ба он намуданд, бо истифода аз нашрияҳои маъруфи соири кишварҳои форсзабон аз он дастовардҳои бадеӣ ва фарҳангии мамолики дигар, ки дар вусъати афкору густариши ҷаҳонбинӣ ва диду нигоҳи мардум нақши муассире дорад, ҳамаҷониба истифода бибаранд. Чунончӣ, дар мавриди нашрияҳои «Навбаҳор»-и Эрон, «Сироҷ-ул-ахбор»-и Афгонистон дар маҷалла маълумоти муфассал дода шудааст. Яке аз шеъри машҳури он замон зери гӯшаи «Адабиёт» «Аз мост, ки бар мост» дар маҷалла дарҷ гардидааст, ки он ҳам ба туфайли нашрияи «Навбаҳор»-Эрон рӯи чоиро дидааст:

***Аз авом аст, ҳар он бад, ки рӯяд бар ислом,***
***Дод аз дасти авом.***
***Кори ислом зи ғавғои авом аст тамом,***
***Дод аз дасти авом.***

*Дили ман хун шуд, дар орзўи фаҳми дуруст,*
*Эй ҷигар навбат турост.*
*Ҷои ба лаб омаду нашунид касам ҷони калом,*
*Дод аз дасти авом. (6,870)*

Равшан аст, ки маншаи асосии равобити адабӣ пеш аз ҳама донистани забои аст, ки бидуни донистани забони гайр наметавон ин ё он асари машҳурро тарҷума намуд. Адибони равшангари тоҷик бо дарки нақши забони русӣ ва гайра дар он замон, дар аксари матолиби арзишманди хеш ба масъалаи мазкур таввақуҳ намудаанд. Ва маҳз талоши адибон буд, ки ҳамчунон баҳри вусъати равобити адабӣ дар огози садаи бист заминаи мусоид фароҳам овард. Омӯзиши забонҳоро адибони равшангар бо ҳар васила чӣ матолиби насрӣ ва публитсистӣ тарғиб намуда, адибони равшангар бар он ҳама мавонеи мухолифин ҷавоби шоиста медоданд. Чунончӣ, дар «Мунозираи «қадимӣ» бо «ҷадидӣ» мехонем.

«**Қадимӣ**:-Чаро дар хусуси ин илмҳои ҳозираи ҳаётӣ намегӯем, аммо ҳар касе, ки забони русиро ёд гирад, кам- кам ихлосу…эътимодро гум (менамояд). Русиро ёд гирифтан усулан дуруст нест.

**Ҷадидӣ**:-Тақсир то ҳоло ҳеҷ кас бо сабаби донистани забони русӣ эътиқодаш аз дин паст шуда, кофир нашудааст ва нахоҳад шуд. Ҳамчуннн, ки дар асрҳои собиқ мусулмоион бо миллати юионӣ ва гайра ҳамшаҳру ҳамнишин шуда, забони онҳоро биёмӯхтанд, юнонӣ ва кофир нашуданд. Имрӯз мо ҳам аз рӯи зарурат ва дафъи эҳтиёҷ, забони русиро биёмӯзем, русу кофир нахоҳем шуд» (5,820).

Равобити адабӣ, аз ҷумла омӯзиши забони русиро пеш аз ҳама сарвари иаҳзати маорифпарварӣ Аҳмади Дониш дар он замон муҳим ва ҳатмӣ медонист. Бино ба таъкиди адабиётшинос А.Сайфуллоев, Аҳмади Дониш «калимаҳои русиро монанди тиллорезаҳо ҷамъ мекард ва истифода мебурд»(8,11).

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ чун яке аз чеҳраҳои барҷастаи наҳзати маорифпарварӣ роҷеъ ба омӯзиши забоиҳо низ алоҳида таъкпд намуда, мақоми забонҳоро дар рушду таҳаввули шахсият ва ҳамчунон рушду равобити адабӣ ва масоили дигар барҷаста медонад. Гувоҳ бар ин матлаби мо маҷаллаи «Ойина» буда метавонад, ки муассис ва ноширн он Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ онро бо се забои аз чоп мебароварД.Дар саҳифаи аввали маҷалла номи

маҷалла бо се забон –форсӣ, туркӣ, русӣ оварда шудааст. Суроға ва макони идораи маҷалла низ бо забони русӣ оварда шудааст. Аммо, бояд қайд намуд, ки матолиби русӣ ба назар намерасанд. Ба андешаи Беҳбудӣ бо донистани забоиҳои русӣ ва туркӣ метавон аз асарҳои донишмандони рус ва фарангӣ воқиф гашт, зеро асарҳои оламшумул ба ин забоиҳо тарҷума гардидаанд. Яке аз омилҳои шиносоӣ бо асарҳои нависандагони хориҷро Беҳбудӣ аз омӯхтан ва донистани забони русӣ медонад. Ба ҳар сурат, худи маҷалла роҳандози равобити адабӣ буда метавонад, зеро он бо ду забон нашр мегардид.

Ва ҳамчунон дар ин замина метавон таъин намудани Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро ба ҳайси муҳаррири нашрияи нахустини тоҷикӣ «Бухорои шариф» яке аз иқдомоти шоистаи равшангарон дар мавриди рушди равобити адабии халқи тоҷик шуморид, ба он далел, ки ӯ махсус аз Озарбойҷон даъват карда шуда буд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ хусусан ба масъалаҳои забон таваҷҷӯҳи зиёд намуда, ҳамзамононашро даъват ба он менамояд, ки эҳтироми забони модарии хешро иеш аз ҳама ба ҷой ованд. Беҳбудӣ донистани забоиҳои гуногунро баҳри рушду иешрафти ҷомеа ва ҳамчунон равобити адабӣ дар он замон аз умдатарин вазоифи давр мешуморад.

Ин андешаҳои Беҳбудӣ дар шумораи нахустини маҷаллаи «Ойина», дар навиштаи «Ду то не, чор забон лозим аст» баён гардидаанд. Беҳбудӣ саҳми забонҳоро дар рушди маънавию иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар муҳим арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки имрӯз барон мо туркистониҳо туркӣ (ӯзбекӣ), форсӣ (тоҷикӣ), арабӣ ва русӣ хондан лозим аст. Ӯ аз аҳли ҷомеа донистани ин забонҳоро талаб намуда, мақоми онҳоро алоҳида ба хонандагони маҷалла шарҳ медиҳад.

Аз ганҷинаи бебаҳои илму адаби форс-тоҷик Беҳбудӣ бо эҳсос ёдовар гардида, қайд менамояд, ки «то ба қиёмат лаззати асарҳои шоирону удабои форс намеравад. Он хазинаи мавънавиест, ки баҳри истифодаи онҳо аврупоиҳо миллиардҳо сӯм сарф менамоянд. Барои мо саодат аст, ки туркӣ ва форсиро бетаҳсил медонем. Ҳар турк форсӣ ва ҳар форс туркиро донистанаш лозим аст»(1,8).

Дар мақолаи «Дар масъалаи забон» ба масъалаҳои муҳим эътибор додааст, хусусан ба раванди ҳамроҳшавии вожа ва ибораҳои форсӣ ба забони туркӣ, лаҳҷа ва шеваҳои гуногуни забони туркӣ ва мавқеи забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Осиёи

Марказӣ, содагии забои, забони адабӣ-илмӣ андеша ва мулоҳизаҳои ҷолиби хешро баён намудааст. Диққати Беҳбудӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ, немисӣ, фаронсавӣ, англисӣ, итолиёвӣ, арабӣ, ҷононӣ низ аз аҳамият холӣ нест.

Яке аз чеҳраҳои барҷастаи наҳзати маорифпарварӣ Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, ки матолиби ҷолибе дар маҷаллаи «Ойина» нашр намудааст, дар мавриди равобити адабӣ низ андешаҳои ешраве баён намудааст. Дар он айёми сарнавиштсози миллат забони форсӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи баландеро соҳиб буд, Абдулвоҳиди Мунзим мақоми онро дар рушди равобити адабӣ ва тамаддуни башарӣ шоиста арзёбӣ намуда, аз мақоми забони форсӣ ёдовар гардида, дар муқобили он ҳама зиддиятҳо дар мавриди забони маҷалла чунин арза намуда, ки имрӯз «... ҳамсоягони мо, ки Ирон,Афгонистон бошанд, лисони расмии эшон форсӣ аст. Дар мактабҳои Истамбулу Чин низ форсӣ таълим медиҳанд, лисони мӯътабар ҳам ин форсӣ аст. Ҳатто тоторони шимолӣ ба форсӣ эҳгиёҷ доранд. Ҳукумати рус имрӯз ба ... хононидан шуғл доранд. Фарангон баҳри лаззат гирифтан аз «Шоҳнома»,Бедил, Саъдиву Маснавӣ форсӣ мехонанд» (4,244).

Равобити адабии халқи тоҷик тавре дар боло зикр намудем, бештар тавассути матбуоти форсзабони кишварҳои Эрону Афгонистон, Миср ва Ҳиндустон ба амал меомад, аз ин лиҳоз дар бобати матбуоти он кишварҳо баъзан дар сафҳаҳои маҷаллаи «Ойина» маълумот дода шудааст.Чунончӣ, дар боби нашрияҳое, чун «Зояндарӯд», «Огоҳӣ»(Тӯс), «Манфиати Эрон», «Ислом»(Табрез), «Шероз» (Шероз), «Ахтар » (Ҳамадон), «Қазвин» (Қазвин) ва гайра дар Эрон маълумот дода шудааст (6,867).

Чуноне ки қайд намудем, дар огози садаи бист вуруди нашрияҳои хорҷӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ бонс гардид, ки мардуми ин минтақа бо матбуот ва зарурати он аз наздик ошноӣ пайдо намоянд. Яке аз он рӯзномаҳои маъруф, ки аз Русия ворид мегардид, ин нашрияи «Вақт» буд. Нуктаи ҷолиб дар он аст, ки дар боби ин рӯзнома дар нашрияи «Навбаҳор»- и Эрон шеъре чои гардида, ки онро мо дар саҳифаи маҷаллаи «Ойина» дучор омадем, ки бо мисраҳои зайл огоз меёбад:

***Як гавҳари хуш намо бувад «Вақт»,***
***Як дури гаронбаҳо бувад «Вақт».***
***..Ҳарчанд ки шеър сарфи вақт аст,***

***Хуб аст чу моҷаро бувад «Вақт».(7,1108).***

Дар оғози садаи бист маҷаллаи «Ойина» чун нашрияи бонуфуз тавонист, ки дар вусъати равобити адабӣ замина гузорад. Аз мушоҳида ва баррасии матолиби маҷалла равшан гардид, ки дар шинохти Маҳмуд Тарзӣ - адиб ва равшангари маъруфи афгон нақши барҷаста дорад. Ба вижа бо истифода аз асари машҳури ӯ «Адаб дар фан» дар якчанд шумораи маҷалла намунаи шеърҳо оварда шудаанд. Чунончӣ:

***Бишнавед, эй дӯстон ин моҷарои Ғарбу Шарқ,***
***Ибрат гиред аз асрорҳои Ғарбу Шарқ.***
***Шуд тулӯи офтоб аз Ғарбу Шарқ наздик саҳар,***
***Фош гӯям ман туро аз розҳои Ғарбу Шарқ. (2,233.)***

**Хулоса**, матбуоти тоҷик дар оғози садаи бист василаи муҳимми рушд ва ташаккули равобити адабӣ ба шумор рафта, дар шинохти илму адаб ва дастовардҳои тозаи адабиёту фарҳанги миллатҳои дигар нақши сазовор гузошт. Дар он даврони сарнавиштсози миллат дар рушду ташаккули равобити адабии халқи тоҷик нақши рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Ойина» хело бузург ва назаррас мебошад, чунки бо ин васила муаллифону муҳаррирони маҷаллаи «Ойина» аввалан, адабиёти қадимаи миллати тоҷикро инкишоф доданд, баъдан дар роҳи пуриечутоби ҳаёт, адабиётро бо худ пеш бурданд ва нагузоштанд, ки ба он пайванди ногусастанӣ доштани адабиёти тоҷик бо адабиёти соири миллатҳои олам рахнае ворид гардад.

Матбуоти тоҷик дар ибтидои садаи бист чун шамъи дурахшон шоҳроҳи иурпечутоби равобити адабии халқи тоҷикро равшанӣ бахшида, пақши муассире дар рушду такомули равобити адабӣ гузошт. Ҳамчунон шароити мусоиде фароҳам овард, ки равобити адабӣ дар ба ҳамоии адабиёту фарҳангҳои соири миллатҳо дар фазои муштараки маънавӣ пақши барҷастае гузорад. Равобити адабӣ ба мисли чашмаи муссафое, ки анбӯҳи мардум бо уммед аз он иӯши ҷон менамоянд, зуҳур намуда дар шодоб гардонидани маърифатдӯстони ташналаб саҳми назаррасе дар оғози садаи бист гузошт.

## ПАЙНАВИШТ

1.«Ойина»- №1 20-август- 1913
2.«Ойина»-№10, 26-декабр-1913

3.«Ойина»- №№11-12, апрел 1915
4.«Ойина»-№15. 1-феврал-1914
5.«Ойина»-№34,4-июн-1914
6.«Ойина»-№36, 28-июн-1914
7.«Ойина»-№46, 11-сентябр-1914
8.Сайфуллоев А. Дӯстин халқҳо –дӯстии адабиётҳо. Душанбе, 1975
9.Шодиқулов Ҳ,Давронов А. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик-(Назаре ба таърихи ташаккули мактаби тарҷумаи бадеӣ ва пайвандҳои адабии тоҷик).- Душанбе,КДММ Ҳумо, 2003

### *Отражение литературных связей в журнале «Ойина»*

***А. Шехов***

***Ключевые слова:*** *история таджикской печати, газета "Бухорои Шариф",журнал* ***«Ойина»****, литературные связи, Махмудходжа Бехбуди*

*Статья посвящена проблеме отражения литературных связей на страницах журнала* ***«Ойина»****, основоположником которого был известный просветитель начала XX столетия Махмудходжа Бехбуди. Автор аргументированно показывает расширение литературных связей первого таджикского журнала с персоязычной прессой Ирана, Афганистана, Египта и Индии. Уделяется особое внимание перепечатке материалов, в том числе поэтических произведений поэтов Афганистана и Ирана, опубликованных в газетах и журналах тех стран.*

### *Reflection of Literary Ties in "Oyina" Magazine*

***A.Shekhov***

***Key words:*** *history of Tajik press,* ***"Oyina"*** *magazine, "Byhoroi sharif" news-paper, literary ties, Mahmudkhodja Behbudi*

*The article dwells on the problem of reflection of literary ties on the pages of* ***"Oyina"*** *magazine; the well-known enlightener of the beginning of the XX-th century Mahmudkhodja Behbudi being its founder Resorting to valid arguments the author of the article shows an enlargement of literary ties of the first Tajik magazine with the Persian press of Iran, Afghanistan, Egypt and India. Special attention is paid to reprinting of materials including poetical productions created in Afghanistan and Iran and published in the newspapers and magazines of those countries.*